Такриз

ба автореферати диссертатсияи Абдуллоҷони Ҳамрохон дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Дар раванди ташаккули муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2011, №278, "Барномаи давлатии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ҶТ барои солҳои 2011–2015", «Барномаи давлатии рушди ТҶ ва варзиш дар ҶТ барои солҳои 2017-2021», аз тарафи Маҷлиси Олии ҶТ қабул намудани Қонуни ҶТ «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», Фармонҳои Президенти ҶТ «Дар бораи гузаронидани Спартакиадаҳо», «Рӯзи дави миллӣ» ва инчунин, гузаронидани федератсияҳои алоҳида ва иншооти варзишии ҷумҳурӣ ба услуби кори худмаблағгузорӣ, тибқи талаботи иқтисодиёти бозоргонӣ мусоидат намуданд. Инчунин, бо супориши Ҳукумати ҶТ «Консепсияи мактаби миллӣ» (2000) бо таҳрири нав «Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ» (2006) таҳия ва тасдиқ гардидаанд.

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади асосии таҳқиқоти илмии мо таҳияи механизми самараноки таълиму тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ ҷиҳати болобарии сатҳи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- муҳимтарин самтҳои асосии таълим ва тарбияи ҷисмонии насли наврас дар ҷомеаи имрӯза бо баҳисобгирии андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ муайян карда шуданд;

- нақши омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар ташаккули тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва

механизми ташкили тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии хонандагон муайян карда шуд;

- афкори муайяни педагогии олимон оид ба тарбияи худогоҳии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон омӯхта шуда, роҳу усулҳо ва методикаи тайёр кардани насли оянда дар самти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар шароити муосир муайян карда шуд;

- самтҳои асосии фаъолияти муштараки омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ бо хурдсолон ва калонсолон дар раванди таълим муайян карда шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- самтҳои асосии таълим ва тарбияи ҷисмонии насли наврас дар ҷомеаи имрӯза бо баҳисобгирии андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ;

- механизми ташкили тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- афкори муайяни педагогии олимон марбут ба тарбияи худогоҳии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон;

- нақши омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар ташаккули тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони МТМУ.

- роҳу усулҳо ва методикаи тайёр кардани насли оянда дар самти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар шароити муосир.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқоти худ ба ҷанбаҳои илмӣ-методӣ, зебоипарастӣ, равоншиносию ахлоқӣ такя карда, ҷустуҷӯи педагогӣ, талаботи методикаи ҷадиди даврон дар хусуси рушди хонандагони МТМУ доктринаи бархӯрди силсилавӣ ба омодагии муаллимони тарбияи ҷисмонӣ бо мақсади дар рӯҳияи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ тарбия намудани хонандагон корбаст намудааст.

Бояд ёдовар шуд, ки яке аз тамоюлоти асосии рушд дар марҳилаи муосири таърихӣ роҳҳои инкишофи шахсияти инсон, озодии иқтисодӣ, зеҳнӣ ва ахлоқии он мебошад. Предмети таҳқиқи ин соҳаи инсоншиносӣ назария ва технологияи рушди шахсияти озоди инсонӣ дар табиат ва

ягонагии талабот, махсусият, қобилияти ҷамоавидоштае мебошад, ки дар ҷомеаи инсондӯстӣ татбиқ карда мешавад.

Аз ин рӯ, ТҲ ва ОДҲ бояд ба сайқал додани маҳорати муътадили шиддатнокии рӯҳӣ, идоракунии ҳолати рӯҳия ҳангоми иҷрои машқҳо ва амалҳои варзишӣ, танзими моҳиронаи зуҳуроти эҳсосотии инсон мутобиқ ба қобилиятҳо ва имконоиятҳои инфиродии ӯ мусоидат намояд.

Автореферати рисолаи илмӣ бо забони илмӣ ва мутобиқ ба талаботи муайянгардида навишта шуда, кори илмии мустақилона анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Абдуллоҷони Ҳамрохон дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақриздиҳанда,
муовини директор оид ба илм, захираҳои иттилоотӣ
ва хизматрасонӣ ба истифодабарандагони Муассисаи
давлатии «Китобхонаи миллӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои педагогӣ Камолзода Сайфиддин

*"Имзои Камолзода Сайфиддинро тасдиқ мекунам".*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
МД «Китобхонаи миллӣ"-и ДИПҶТ Исломов А. Х.
10.02.2025

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС